**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда мешавад.**

Рисолаи диссертатсионии Олимов У. М дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» натиҷаи кори тӯлонӣ буда, тадқиқоти мустақили анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Мавзуи рисола дар шароити рушди муносибатҳои молиявию қарзӣ муҳим буда, таваҷҷӯҳи назарраси назариявӣ ва амалӣ дорад.

Махсус қайд кардан зарур аст, ки истифодаи оқилона ва самарабахши механизми низоми бонкӣ дар фаъолияти хоҷагидорӣ заминаи мустаҳками молиявӣ мегузорад, ки барои рушди муносибатҳои молиявӣ, рушди дигар муассисаҳои молиявию ғайримолиявӣ ва умуман барои таъмин намудани рушди босуботи иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Сарфи назар аз шумораи зиёди корҳои таҳқиқотӣ, ки ба ҷиҳатҳои муайяни инкишофи низоми бонкӣ бахшида шудаанд, довталаб дар назди худ мақсади басо калон гузошт, ки дар навгонии илмӣ оҳо инъикоси худро ёфтаанд. Инчунин сифати мусбати кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки муаллиф махсусияти ташаккулёбӣ ва рушди низоми бонкиро дар шароити муосир муайян намудааст.

Бартарии кори диссертатсионӣ дар он аст, ки омузиши ҷанбаҳои назариявии рушди низоми бонкӣ дар шароити муосир ва ошкор намудани хусусиятҳои хоси ташаккули низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гашта, аз нуктаи назари илмӣ ва амалӣ асоснок шудааст.

Дар баробари ин, муаллиф дар таҳқиқот масъалаҳои таҳлили ҳолати кунунии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани шароит ва омилҳое, ки ба рушди низоми бонкии кишвар таъсир мерасонанд, муайян намудааст.

Дар ҷараёни иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ инчунин, муаллиф доираи васеи адабиёти илмии ватанию хориҷиро омӯхта, дар асоси онҳо оид ба халли муаммохои рушди низоми бонкӣ дар шароити муосир тавсияҳои муфид пешниҳод кардааст.

Аз рӯи маводи таҳқиқоти диссертатсия аз ҷониби муаллиф нуктаҳои асосӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Рисоли диссертатсионии Олимов У. М таҳқиқоти амиқ ва густурдаи илмӣ ба ҳисоб рафта, дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ анҷом дода шудааст. Дуруст ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола баёнгардида аз арзиши амалии мавод гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Олимов У. М дар мавзуи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз барои ҳимоя пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, мудири кафедраи
иқтисодиёти ҷаҳони ДДМИТ Содиқов М.С.

Имзои Содиқов М.С.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

13.10.2023